«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.
________________________
«29» ____________2024 с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи аспиранти кафедраи ботаника ва дендрологияи ДМТ Абдуғафури Сафар дар мавзуи "Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01. – Ботаника**

Дар давраи тайёр намудани рисола аспирант Абдуғафури Сафар ба ҳайси ассистенти кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда, солҳои 2018-2021 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДМТ таҳсил намудааст. Тадқиқоти хешро давоми солҳои 2017-2023 гузаронида, рисолаи номзадии хешро пурра ба анҷом расонидааст.

Тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09.01.2018 таҳти №11-05 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ботаникаи факултети биолгияи ДМТ қабул шуда, бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 31.12.2021 таҳти №519-05 аспирантураро хатм кардааст. Аз соли 2021 инҷониб дар кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биолгияи ДМТ ба ҳайси ассистент фаъолият менамояд.

Абдуғафури Сафар ҳамчун аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм – бо баҳои "хуб", забони англисӣ – "хуб" ва ихтисосро бо баҳои "аъло" супоридааст. Шаҳодатнома оид ба супороидани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 06.02.2024 таҳти №21 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сатторов Раҳматулло Бобоевич – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон фаъолияти 75%-и аҳолӣ ва сатҳи зиндагии онҳо ба истифодаи сарватҳои биологӣ, алалхусус ба растаниҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз омӯзиш, баҳодиҳӣ ва зарурати нигоҳдошти гуногунии биологӣ хеле мубрам мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳим дар омӯзиши олами набототот омӯхтани таксонҳои маъмултарин ва гуногунии таркиби флора мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши оилаи - Lamiaceae Mart., ки яке аз оилаҳои калони таркиби флораи олами набототи Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор додем.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба оилаи Lamiaceae Mart. 198 намуд, 39 авлод мансубанд, ки аз ин миқдор 38 авлод, 118 намуд дар таркиби ноҳияи флораи Ҳисору Дарвоз ва 74 намуд, 33 авлод дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавҷуд мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда шуда, дар натиҷаи таҳқиқот муайян шудааст, ки дар минтақаи омӯзиш 33 авлод ва 74 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд мебошанд. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ буда, 2 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст. Бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян гардида, ҳамзамон харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои нодири ин оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Илова бар ин, дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои он: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanun tuttanthum* Gontsch, *Nepeta catarica* L., *Salvia sclarea* L. омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд. Таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanun tuttanthum* Gontsch, *Nepeta catarica* L, *Salvia sclarea* L. ба мо имкон медиҳад, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия диҳем.

Маълумотҳои бадастомада оид ба ҳосилнокии сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta catarica* L., *Origanun tuttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии табиии онҳо

талаботи саноати фармокологии Тоҷикистонро танҳо 40% таъмин менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба истифодаи усулҳои замонавӣ ва маъмули геоботаникии мактаби ботаникии Русия ва Тоҷикистон асос ёфтааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои олимон И.Г. Серебряков (1952), Б.А. Доспехов (1985), С. Раҳимов (2007), Н.М. Сафаров (2017), Д. Сатторов (2020) анҷом дода шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Диссертатсия ба шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумурии Тоҷикстон аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи кори диссертатсионӣ дар тамоми зинаҳои таҷрибаҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла коркарди кори мазкур, тафсиру таҳлили адабиёт, ба даст овардани коркард ва таҳлили натиҷаи таҷрибаҳо, хулосабарорӣ ва тайёр кардани маводи илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ, барои нашри маводҳои таҳқиқотӣ ва тайёр кардани диссертатсия бевосита ширкат намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Абдуғафури Сафар. Тавсифи биологии зуфои хушбуй (*Nepeta cataria* L.) дар қаторкуҳи Ҳисор [Матн] /Абдуғафури Сафар // Илм ва фановарӣ. – Душанбе, 2020-№3. – С. 258-261. ISSN-2312-3648.

[2-М]. Абдуғафури Сафар. Ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои намояндаҳои оилаи лабгулҳо дар қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз [Матн] /Абдуғафури Сафар // Илм ва фановарӣ. – Душанбе, 2021-№2. – С. 186-190. ISSN-2312-3648.

[3-М]. Абдуғафури Сафар. Аҳаммияти хоҷагӣ ва гуногунии биологии баъзе намудҳои оилаи лабгулҳои ноҳияи флористикии

Ҳисору Дарвоз [Матн] /Абдуғафури Сафар // Кишоварз. – Душанбе, 2021-№3 (92). – С. 64-67. ISSN-2074-5435.

[4-М]. Абдуғафури Сафар, Кароматуллои Қ. Гуногунии намудии оилаи лабгулҳои – Labiatae таркиби флораи дараи Вазоб [Матн] /Абдуғафури Сафар, Кароматуллои Қ. // Кишоварз. – Душанбе, 2023-№1.(98) – С. 71-74. ISSN-2074-5435.

[5-М]. Абдугафури Сафар. Гуногунӣ ва аҳамияти намояндагони оилаи лабгулҳои дараи Қаратоғ Разнообразие и значение представителей семейства губоцветных Каратагского ущелья [Текст] /Абдугафури Сафар // Наука и инновация. – Душанбе, 2023-№2. – С. 178-185.ISSN-3212-3648.

[6-М]. Сатторов Р.Б. Абдугафури Сафар, Назаров Ш.Ш. Дурнамои истифодаи захираҳои намояндагони оилаи лабгулон [Матн] / Р.Б. Сатторов, Абдугафури Сафар Ш.Ш. Назаров // Илм ва фановарӣ. – Душанбе, 2024-№1. – С. 271-278. ISSN-2312-3648.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[7-М]. Абдуғафури Сафар. Фитоценологические особеннности котовника кокандского в Гиссарском хребте [Текст] / Р.Б.Сатторов, А.Сафар // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 85 солагии академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, д.и.б., профессор Х.М.Сафаров. ш. Душанбе, 04.05.2022-С.484-487.

[8-М]. Абдуғафури Сафар. Представители рода зизифоры (*Zizifora* L.) в Таджикистане [Текст] / Абдуғафури Сафар // Материалы Республиканско-преподоательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной “Годам развития села, туризма и народных ремесёл (2019-2021 гг.)” и “400-летию Миробида Сайидо Насафи”.- Душанбе, 20-27 апреля 2019 года.- С.145-146.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДАНД:

1. Диссертатсияи илмии Абдуғафури Сафар дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” кори илмии мустақилона ба анҷомрасида мебошад, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

2. Диссертатсияи илмии Абдуғафури Сафар дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи илмии Абдуғафури Сафар дар мавзуи “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-038-и назди Донишгоҳи милии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 35 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 35 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд, суратҷаласаи №9 аз 21 феврали соли 2024.

**Раис:**
Мудири кафедраи ботаника
ва дендрология, дотсент Бобокалонов Ҷ.М.

Имзои н.и.б., Ҷ.М. Бобокалоновро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.